**Такриз**
**ба автореферати номзадии Ҳайдарова Бисаноат Умаровна**
**дар мавзӯи “Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ**
**дар осори Шӯхии Хуҷандӣ”**

Шӯхии Хуҷандӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун суханвари мумтоз, эҷодкор, навовар мақому манзалати баландеро соҳиб гардида, тавассути ашъори нобаш дар пешравии адабиёти тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Ин шоири ширинкалом аз қабили шуарои соҳибқалам ва боистеъдодест, ки зиндагиву фаъолияташ ба нимаи аввали асри XVIII рост омадааст. Аммо, мутаассифона, рӯзгору осори пурмуҳтавои ӯ пурра мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертант дар баробари ба эътибор гирифтани маълумоти сарчашмаву маъхазҳо, ба китобҳои илмиву таърихӣ низ такя намуда, осори адабии шоирро мувофиқи матлаб таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ аз зумраи он шоиронест, ки дар инкишоф ва интишори ғазал саҳми арзанда гузошта, дар партави сабку услуби суханварони пешин ҷодаи мустақил ва хосаи худро дар ғазалсароӣ пайдо кардааст. Ғазалҳои Шӯхии Хуҷандӣ агар аз як ҷониб дар ниҳояти содагиву равонӣ эҷод шуда, афкору андешаҳои латифи ошиқонаро таҷассум кунад, аз ҷониби дигар, онҳо инъикосгари афкори ҳакимона, ақидаҳои ирфонӣ ва ғояҳои ҳаётдӯстонаву башарпарваронаи шоир мебошанд.

Аз муҳтавои автореферати диссертант бармеояд, ки Шӯхии Хуҷандӣ дар нигориши ғазал мартабаи баланд доштааст. Зеро девони шоир дар доираи нигориши девонҳои суханварони пешин аз ғазали ҳамд оғоз мешавад. Маъмулан, ғазали ифтитоҳии девонҳоро шуаро аз оёти Каломи Шариф ва аҳодиси набавӣ истинод мекунанд. Шӯхии Хуҷандӣ низ силсилаи ғазалҳои аввалини девонашро дар мадҳу ситоиши худованд ва паямбараш бахшида, муҳимтарин ҳадафҳои хешро аз эҷоди ғазал баён мекунад. Ҳамчунин дар партави ашъори орифона шоир перомуни одобу

ахлоқ, сабру қаноатпешагӣ, одаму одамгарӣ, ростқавливу парҳезкорӣ андешаҳои ҷолиби диққат баён намуда, муҳаббат ба илму маърифатро низ як рукни асосии зиндагии инсоният донистааст.

Хулосаҳои автореферат фикрҳои дар ҳар чаҳор боби кор фарогирифтаро инъикос менамояд. Аммо автореферат аз камбудиҳои имлоиву техникӣ орӣ набуда, (саҳ. 3, 15,21), аз нигоҳи мо қисмати бо забони русӣ интишорёфтааш каме таҳрирталаб аст. Вале ин ғалатҳои ҷузъӣ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи "Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Шӯхии Хуҷандӣ" баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур

______________Ҷурғосиев Мулоаҳмадшо Ҷурғосиевич

27 августи соли 2021

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 146
E-mail: ahmadshoh@interhet.ru

Имзои М. Ҷурғосиевро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Тағоева М. А.